СУРАТМАҶЛИСИ №50
Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

20 июни соли 2026 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ баромад намуд ва аъзои Шурорро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон (раис), доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Рустам Ҷура (аъзо) ва доктори илмҳои таърих Сайидзода Зафар Шералӣ (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;
- доктори илмҳои сотсиолигия Ҳайдарзода Рустам Ҷура;
- доктори илмҳои таърих Сайидзода Зафар Шералӣ.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.